**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2025, № 21**

Барои сазовор донистани Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти №18/шд тамдидшуда) аз 12-уми марти соли 2025, суратҷаласаи № 11 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна 28-уми феврали соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 2001-2011 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Айнӣ таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2015 бо ихтисоси “забони англисӣ” бомуваффақият хатм намудааст.

Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна солҳои 2018-2020 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳсил намуда, соҳиби дипломи дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси “омӯзгори забони англисӣ” гардид.

Номбурда ба ҳайси докторант (PhD) соли 2020 ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул ва мавзуи илмиашро дар Шурои олимони донишгоҳ таҳти роҳбарии

номзади илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна тасдиқ гардидааст.

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) санаи 20-уми марти соли 2025 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар ҷаласаи васеи кафедраҳои филологияи англис ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №8/1 аз 29.03.2025) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна **-** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷамшедов Парвонахон –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Асадова Моҳчеҳра Рустамовна –** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Данғара дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич, эксперт номзади илмҳои филологӣ, дотсент Самардинов Қурбон Наимович ва котиби ҷаласа омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳ Саъдуллоев Диловар Давлатович бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло, Қурбоналӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна кори бaанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва

муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 8-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи** "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

[1-М]. Мустафоева, М.Р. Муқоиса ва усули истифодаи он дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей "Пирамард ва баҳр") / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2021. – №1 (41). – С. 50-56. ISSN 2226-9355

[2-М]. Мустафоева, М.Р. Таҳлил ва муодилнокии калимаҳо дар забони англисӣ ва тоҷикӣ дар мисоли асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей) / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91). – С. 119-124. ISSN 2219-5408

[3-М]. Мустафоева, М.Р. Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои сода дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей "Пирамард ва баҳр" / М.Р. Мустафоева, М.Р. // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2022. – №1(45). – С. 50-60. ISSN 2226-9355

[4-М]. Соҳибназарова Ҳ.Т., Мустафоева М.Р. Ҷумла ва мавқеи он аз нигоҳи забоншиносон / Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.Р. Мустафоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №1(102). – С. 16-21. ISSN 2219-5408

**2. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[5-М]. Мустафоева, М.Р. Безэквивалентные грамматические единицы в английском и таджикском языках и способы их передачи / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ҳайати профессорону омӯзгорони Муассисаҳои олии касбии Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон “Масъалаҳои мубрами муоширати байнифарҳангӣ: бо ҳифзи гузашта ояндаро месозем”. – Самарқанд, 2021. – С. 220-224.

[6-М]. Мустафоева, М.Р. Намудҳои ҷумлаи пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей “Пирамард ва баҳр”) / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илми-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитоӣ) дар шароити муосир”. – Кӯлоб, 2024. – С. 48-54

[7-М]. Мустафоева, М.Р. Таснифоти категорияҳои грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалигардонии “Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон” ва “Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030” – Душанбе, 2022. – С. 79-83.

[8-М]. Мустафоева, М.Р. Масъалаҳои умдаи назарияи тарҷумаи бадеӣ / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ “Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи “тарҷуманопазирӣ”. – Душанбе, 2024. – С. 283-289

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафорзода Таҳмина мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Дар қисмати мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ рамзи 6D.КОА-36 зиёдатӣ оварда шудааст;

Б) Дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович мусбат буда, ба автореферат эрод надорад.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Диловаров Манучеҳр низ мусбӣ арзёбӣ гаштааст.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновна мусбат арзёбӣ гардида, ба автореферат эрод нагирифтааст:

Дар маҷмуъ, муқарризони беруна аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар замина омӯзиши маводи илмӣ, илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот бори нахуст вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей) мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, ин мавзуъ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ) ҳанӯз мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур нахустин кӯшиш дар мавриди таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ ва, ҳамзамон, сарфӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад, ки диққати муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро ба худ ҷалб намудааст.

Дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей ва таҳвили онҳо ҳангоми интиқол ба забони тоҷикӣ мавриди **баррасӣ қарор гирифтанд**.

Натиҷаҳои таҳқиқ тафовут ва умумиятҳои ҷойдоштаро дар таркиби ҷумлаҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян месозад, ки дар заминаи мутобиқсозии матни асл ба меъёрҳои забони тарҷума ба вуҷуд омадаанд. Дар пажуҳиши мазкур роҳу усулҳои татбиқи таҳвилоти тарҷумавӣ ва, дар ин замина, ташаккули шакли муназзами ҷумлаи матни тарҷумавӣ мавриди таҳқиқи махсус **қарор дода шудааст**.

Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ ба бартараф намудани мушкилоти сарфию наҳвӣ дар раванди тарҷума аз як забон ба забони дигар ва, ҳамзамон, ба рушди таҳқиқоти минбаъда дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ **мусоидат менамояд**.

Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои

илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ **метавонанд корбурд шаванд.**

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки диссертатсия таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвиро дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ **таъмин менамояд**. Таҳлили илмии тарҷума дар татбиқи таҳвилоти сарфӣ ва наҳвӣ дар раванди тарҷумаи бадеӣ аз рӯйи ақидаҳои олимону муҳаққиқони соҳа **сурат гирифтааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шудааст ва, бо ин васила, роҳу воситаҳои истифодаи таҳвилоти тарҷумавӣ дар раванди тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеӣ муайян карда шудааст. Маводди назариявӣ ва амалии дар диссертатсия истифодашуда барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдоштаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Диссертант муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 21-уми июни соли 2025, №21 дар бораи сазовор донистани Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар иштирокдоштагон овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

21-уми июни соли 2025